# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №________________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.04.2024, №37**

Барои сазовор донистани Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 07 феврали соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №50 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Докторант (PhD) Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович, соли таваллудаш 26.09.1996, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси ассистенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Соли 2014 ба Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм кардааст.

Солҳои 2018-2020 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро таҳсил намуда, онро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Аз соли 2020 то соли 2023 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD)-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон буд.

Солҳои 2018-2019 ҳамчун ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе ва солҳои 2019-2020 сардори шубаи таълими коллеҷи номбурда фаъолият

намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2020 то ҳол дар кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишҷӯён таълими илм медиҳад.

Мавзуи диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» 29 январи соли 2021, №6/5.7 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Яқубзода Маъруф Садруддин** - доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси “Молия”, мудири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Қурбонов А.Р. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи андоз ва суғурта баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №8, аз 16.03.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон д.и.т., дотсент Назарзода Х.Х. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса оварда шудааст, ки диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида for дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои имӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи

диссертатсия 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1 - М]. Ҳусейнов, У.С. Аҳаммияти истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2020. - №4/1 (48). – С. 87-93. ISSN 2664-0651

[2 - М]. Ҳусейнов, У.С. Мушкилот ва роҳҳои такмили фаъолияти соҳибкории хурду миёна [Матн] / Ҳ.А. Абдуалимзода, У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2022. - №2. - С. 15-22. ISSN 2664-0651

[3 - М]. Ҳусейнов, У.С. Алоқамандии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва низоми андозбандӣ дар шароити бозор [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2021. - №1(50). - С. 118-125. ISSN 2664-0651

[4 - М]. Ҳусейнов, У.С. Такмили низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва нақши он дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ [Матн]/ У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2021. - №2 (51). - С.104-111. ISSN 2664-0651

[5 - М]. Ҳусейнов, У.С. Хусусияти андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.А. Абдуалимзода, У.С. Ҳусейнов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. - №1(30). - С. 5-11. ISSN 2663-0389

[6 - М]. Ҳусейнов, У.С. Самтҳои асосии такмил додани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №1(35). - С. 279-286. ISSN 2663-0389

[7 - М]. Ҳусейнов, У.С. Саноат ҳамчун соҳаи афзалиятноки истеҳсолоти моддӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2022. - №4/2.(59). - С. 160-170. ISSN 2664-0651

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8 - М]. Ҳусейнов, У.С. Тамоюли рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси ҷалби сармояи хориҷӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Равандҳои муосири муносибатҳои пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт» (15-феврали 2020, ДССХ). – 2020. - С. 256-259.

[9 - М]. Ҳусейнов, У.С. Роҳҳои такмили андозбандии мустақим ҳамчун омили мувофиқсозии манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон [Матн] / У.С. Ҳусейнов, Б.Ҷ. Азизқулов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2018). – Душанбе: ДДМИТ. - С.90-94.

[10 - М]. Ҳусейнов, У.С. Таҳлили вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.С. Ҳусейнов, Ф. Холов // Маҷмуаи конфронси илмию амалӣ ба муносибати 95-солагии таъсисёбии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2019 ДДМИТ).. – Душанбе. – 2020. - С. 184-188.

[11 - М]. Хусейнов, У.С. Внешняя торговля Таджикистана и Китая: состояние и перспективы развития [Текст] / У.С. Хусейнов, С.И. Олимов // Стратегическое партнерство по внешней политике Республики Таджикистан. – 2020с. С.142-146.

[12 - М]. Ҳусейнов, У.С. Дастгирии давлатии молиявии соҳибкории хурд ва миёна дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе. - 2022. – С. 74-81

[13 - М]. Ҳусейнов, У.С. Зарурат, моҳият ва аҳаммияти иқтисодии буҷети давлатӣ / У.С. Ҳусейнов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” (25-26 ноябри соли 2021). –Душанбе. - 2021. – С.406-412.

[14 - М]. Ҳусейнов, У.С. Рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” (25-26 ноябри соли 2021). –Душанбе. - 2021. - С.362-369.

[15 - М]. Ҳусейнов, У.С. Таҷрибаи идоракунии низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва имконияти истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Низоми нави ҷаҳонӣ”. – Душанбе. - 2021. - С.119-130

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**Тақризҳо ба автореферати диссертатсия:**

**1. Каримова М.Т.- д.и.и., дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ,** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат мушкилиҳои марбут ба гаронии андоз, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар рӯ ба рӯ мегарданд, ба таври кофӣ ифшо нагрreceived.

2. Пешниҳодҳо нисбати такмил ва таҷдиди андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ бояд мушаххастар карда шаванд.

**2. Дадоматов Д.Н.- д.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** эродҳои гирифташуда:

1. Хуб мешуд, агар алгоритми таҳиянамудаи муаллиф оид ба фаол гардонии субъектҳои хоҷагидории характери истеҳсолидошта дар автореферат оварда мешуд.

2. Дар автореферат натиҷаҳои бадастомадаи дурнамои нишондиҳандаҳо ва тавсияҳои ояндавии онҳо пешниҳод нагардидааст.

**3. Садриддинов М.И. - д.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории ДБССТ**, бо чунин эрод:

1. Хуб мешуд агар муаллиф дар таҳқиқоти худ ба масъалаи такмили механизми самаранок истифоданамоии гаронии андоз дар соҳибкории истеҳсолӣ диққати бештар медод.

2. Бояд самтҳои ояндадори беҳтаркунонии (оптимизатсия)-и низоми андозбандӣ ва такмили механизми амалкарди он дар соҳибкории истеҳсолӣ дар матни асосии автореферат инъикос меёфт.

**4. Фатҳуллозода А.Ф.-номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**, бо чунин эродҳо:

1. Амиқтар муайян намоии тарафҳои мусбӣ ва манфии режимҳои махсуси андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ.

2. Ошкорнамоии омилҳои ба ҳаҷми пардохтҳои андозии аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ ба буҷетҳои зинаҳои гуногун воридшаванда.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои низоми андозбандӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки танҳо дар сурати амалӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа, муайянсозии вазъи имрӯза ва

мушкилоти низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ, дарёфти механизми низоми андоз ва паст намудани таъсири он ба субектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, ба идоракунии дурусту самараноки низоми андози ҷумҳурӣ ноил шудан мумкин аст.

- ***пешниҳод шудааст:*** таърифи муаллифии “андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ”, ки он «маҷмуи қоидаҳо, тадбирҳо ва фишангҳои бо ҳам алоқаманд буда, барои баланд бардоштани низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ, кам намудани хароҷотҳо барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ба роҳ мондани ҳисобдории муҳосибӣ ва андозӣ, пурра баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба он алоқаманд, додани афзалият ба соҳибкории истеҳсолӣ, таъмини ҳавасмандӣ ва рушди фаъоляти соҳибкорӣ мусоидат намуда, ба беҳтаршавии воридоти андозу пардохтҳо ба буҷети давлатӣ равона карда шудааст».

- **исбот шудааст**, ки фаъолияти соҳибкории хурду миёна вобаста ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ-тафриқавӣ ба амал омада, ба низоми андозбандӣ вобастагии зич дошта, дар давраи таҳлилӣ теъдоди субъектҳои соҳибкории миёна ва калон мутаносибан зиёд, занҷираи арзиши иловашуда ҳамчун нишондиҳандаи таркибии бавуҷудоварандаи даромадҳои субъектҳои хоҷагидор бо назардошти дастгирии давлатӣ ба роҳ мондани коркарди ҳамаҷонибаи ашёи хоми ватаниро тақозо мекунад.

- **ҷорӣ намудани** таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам тавсия шудааст, ки зиёд шудани меъёри андоз на танҳо боиси кам шудани истеҳсолот, балки ба канорашавии субъектҳои хоҷагидор ва баамал омадани ҳолатҳои номатлуб низ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, пешниҳод карда мешавад, ки баэътибор гирифтани талаботҳои назария ва методикаи андозбандӣ дар ҳалли муаммоҳои рушди низоми иқтисоди миллӣ ва такмил додани муносибатҳои андозӣ хело зарур мебошад

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** бунёдии кор аз таҳқиқи заминаҳои назариявӣ ва методии истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни такмили низоми андозбандӣ ба хотири таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ иборат буда, амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот дар самти такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи низомҳои махсуси андозбандӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори иқтисодӣ ва заминаҳои нави андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизм, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ бармеояд.

- ***методикаи*** такмилшудаи андозбандии соҳибкории исетсеҳсолӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки ба дигаргуншавии низоми андозӣ, беҳтар шудани

вазъи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, бозҳам соддатар намудани низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ асос ёфтааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***баён шудани*** вазъи низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ ва худи низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бисёр ва ***исбот гардидааст***, ки омӯзиш ва ҷорӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар ин самт метавонад ба рушди низоми андозбандӣ мусоидат кунад.

- ***ошкор гардидани омилҳо ва мушкилот:*** 1) сари вақт ворид нашудани маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатии сатҳҳои гуногун; 2) самаранок истифода накардани имтиёзҳои адозӣ; 3) ҳуҷҷатгузории зиёд, махсусан барои соҳибкории истеҳсолӣ; 4) ҷой доштани мушкилот дар татбии амалии муқаррароти алоҳидаи кодеси андоз; 5) содда ва оммафаҳм набудани низомҳои махсуси андозбандӣ.

- ***омӯхта шуданд:*** 1) зарурати такмили низоми андозбандӣ дар тамоми бахшҳо, аз ҷумла дар самти фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ; 2) ташаббусҳо дар самти ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва интихоби варианти низомҳои махсуси андозбандӣ ҳамчун омили таъсирбахш; 3) дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо дарназардошти фароҳам овардани шароитҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявӣ барои тақвият додани бахши воқеии иқтисодиёти кишвар; 4) истифодаи технологияҳои иттилотию иртиботӣ ва рақамикунонии фаъолияти субъектҳои бахшҳои воқеӣ.

- ***аз нав такмил додани методологияи*** андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, баҳодиҳии раванди низоми андозбандӣ ва муайян намудани сифати онҳо, самаранок истифода бурдани имтиёзҳои андозӣ ва сафарбарнамоии онҳо ба нуқтаҳои муҳим пешниҳод ва асоснок шудааст, ки дар маҷмуъ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд**.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Молия», «Молияи корхона», «Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд. Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***муайян карда шуд:*** самтҳои афзалиятноки андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ ва нишондиҳандаҳои муҳими андозӣ, ки ба соҳибкории истеҳсолӣ таъсири бевосита доранд.

- ***офарида шуд:*** а) ***модели*** регресиионии арзёбии воридоти андозӣ барои соҳибкории хурд, миёна, инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки мувофиқи он барои субъектҳои соҳибкории хурд, миёна ва соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда агар даромади умумии онҳо 1 фоиз зиёд гардад, воридоти андозӣ низ меафзоянд; б) ***стратегияи*** дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ аз тарафи давлат тавассути низоми андозбандӣ ҷиҳати боло бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои дигари макроиқтисодӣ мусоидат менамояд.

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** 1) асосҳои моддии рушди иқтисодӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ бо дарназардошти баэътибор гирифтани риояи қоидаҳои низоми андозбандӣ; 2) асоснок шудани нақши давлат, ки аз пешакӣ фаҳмонидани мақсад ва вазифаҳои низоми андоз, бо тариқи ҳамкорӣ таҳлил ва арзёбӣ намудани муаммоҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва ба роҳ мондани усулҳои нави назорати андозӣ дар ин самт иборат мебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба низоми андозбандӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки ин омилҳои таъсиргузор ба сифат ва ҳаҷми онҳо ва пайдо намудани роҳҳои соддагардонии низоми андозӣ, имтиёзҳо, сармоягузорӣ, низоми андозбандӣ ва дарёфти манбаъҳои нави рушди низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***ғоя*** дар он инъикос меёбад, ки такмилдиҳии соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ бо дарназардошти низомҳои махсуси андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи корбурди усулҳои арзёбӣ сурат гирифта, нақшаи низомҳои асосии танзими ҷамъоварии самараноки маблағҳои андозӣ барои рушдиояндаи иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси принсипҳо ва вазифаҳои назорат ва санҷишҳои андозӣ коркард шудааст, ки ба ҳалли масъалаҳои ташкилию технологӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ равона гардида, ба рушди истеҳсолоти ватанӣ ва рақобатпазирии корхонаю ташкилотҳо мусоидат менамояд.

- ***истифодаи*** меъёрҳои андозӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи гузаштан ба усулҳои пешқадами идоракунии мақомоти андоз, чораҳои ҷорӣ намудани ҳавасмандкуниҳои иловагии молиявӣ, ки дар маҷмуъ самаранокии низоми ва андозбандиро таъмин менамоянд, пешниҳод карда шудааст.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 93,44% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:** а) давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф ба амал омадааст; б) муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок ва нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст; в) докторант (PhD) дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмил додани фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ вобаста ба шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон, бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, алгоритм ва моделҳои эконометрикӣ хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст; г) иштироки бевоситаи муаллиф дар тадқиқот бо нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад; д) дар омода намудани 15 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшуда буда, арзиши баланди илмию тахассусӣ дорад ва мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии саҳеҳу боэътимод дошта, дар рушду такомули назарияи андозбандӣ, алалхусус, андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар сатҳи корхонаҳои хурд ва миёна саҳмгузор буда, барои бартараф намудани мушкилоти соҳа мусоидат мекунад. Диссертатсия ба бандҳои 2.4; 2.5; 2.6; 2.9; 2.16; 3.14-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 12.04.2024 қарори сазовор донистани Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар (1 нафарашон тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос: «Тарафдор» 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**12 апрели соли 2024.**